«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Тӯрсунзода», номзади илмҳои филологӣ, дотсент _____ Назарзода М. М.
«17» ____10____ соли 2025

ХУЛОСАИ

Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»

Диссертатсияи Наврӯзшоҳи Холназари Раҷаб «Инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион (дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ дар кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ба анҷом расидааст.

Нарӯзшоҳи Холназари Раҷаб соли 2014 МДТ-и «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»-ро бо ихтисоси рӯзноманигори телевизион хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатии худро дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба ҳайси мутахассис оғоз намуда, то соли 2020 дар вазифаи муовини сардори шуъбаи матбуот кор кардааст. Ҳамчунин аз соли 2017 то соли 2020 ҳамчун омузгори ҳамкор ва минбаъд то имрӯз ҳамчун муовини декани Коллеҷи тиббии ноҳияи Рӯдакӣ кор карда истодааст.

Аз 4-уми ноябри соли 2023 таҳти №349/1 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи рӯзонаи кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети режиссура, кино ва телевизион (имрӯза факултети журналистикаи телевизион ва радио) аз рӯйи ихтисоси Рӯзноманигорӣ ба гурӯҳи шартномавӣ қабул гардида, то имрӯз дар кафедра ба кори пажуҳишӣ машғул аст.

Роҳбари илмии Наврӯзшоҳи Холназари Раҷаб доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва

радиошунавонии факултаи журналистикаи телевизион ва радиои МДТ-и «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радио аз 10 декабри соли 2023, суратмаҷлиси № 6, шурои олимони факултети журналистикаи телевизион ва радио аз 12 декабри соли 2023, суратмаҷлиси № 7 ва шурои олимони МДТ-и «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» аз 25 декабри соли 2023, суратмаҷлиси № 12 тасдиқ гардидааст.

МДТ-и «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ба унвонҷӯ Наврӯзшоҳи Холназари Раҷаб таҳти №4 аз 2-юми июли соли 2025 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Диссертатсияи пешниҳодшаванда ба таҳлили барномаҳои соҳавии телевизион, махсусан барномаҳои фарогири мавзуъ ва масъалаҳои соҳаи тиб дар телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» бахшида шудааст. Имрӯз дар замони ҷаҳонишавӣ усулҳои гуногуни расонидани иттилоъ шакл гирифтааст. Дар шароити пуртазоди имрӯза ҳамон воситаҳои ахбори оммае метавонанд пешсаф гарданд, ки аз шаклҳои муосир ва роҳҳои гуногуни расонидани иттилоъ ба аҳолӣ бархурдоранд. Дар ин амал шабакаҳои телевизионӣ воситаи асосии иттилоърасонӣ ба шумор мераванд.

Инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион яке аз мавзуъҳои асосии журналистикаи телевизион ба шумор меравад. Зеро метавон гуфт, ки бо инъикоси мавзуъҳои тиббӣ журналистони телевизион аз оғози фаъолият бинандагони зиёдеро ҷалб намуда, ташаккулу таҳаввули барномаҳои соҳавии тиббиро таъмин намудаанд.

Пажуҳиши барномаҳои соҳавӣ дар телевизион ва дар заминаи он муайян намудани мушкилоту дастоварди рӯзноманигорон сабаб мегардад, ки дар оянда, бо истифодаи тавсияҳои пешниҳодшуда, ба кори ин бахш вусъат бахшида шавад. Барномаи соҳавӣ дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар телевизиони ватанӣ дар низоми барномаҳои иттилоотию таҳлилӣ ва

публитсистикаи бадеии шабакаҳои телевизионӣ маъмултарин намуди барнома ба ҳисоб рафта, таҳқиқи мушаххаси он дар шакли диссертатсионӣ то ҳол сурат нагирифтааст. Диссертант маълум менамояд, ки дар интихоби мавзуъ, роҳу усулҳои пешниҳоди матлаб, шакли сабт ва тартиби инъикоси воқеаву рӯйдодҳо, танзим ва пешниҳоди саривақтии барномаҳои соҳавии тиббӣ, инчунин истифодаи жанрҳои гуногуни иттилоотиву таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ рӯзноманигорон ба навоварии эҷодӣ, фаъолмандии бештар, оқилияти саривақтиву касбияти рӯзноманигорӣ ниёз доранд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки мавзуии таҳқиқии Наврӯзшоҳи Холназари Рачаб **аҳаммияти вижаи илмӣ** дорад.

Мақсади таҳқиқ – муайян намудани вижагиҳои инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» мебошанд. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи барномаҳои соҳавии тиббӣ барои пойдории журналистикаи касбӣ замина гузошта, ба баланд гардидани нуфузи журналист, таъсирбахшии сухан ва эътимоднокии фаъолияти журналист ва муҳимтар аз ҳама дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ ва бо ин саҳм гузоштан дар тарғиби тарзи ҳаёти солиму пешрафти соҳаи тиббӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Пажуҳиш ва таҳлили навъҳои гуногуни барномаҳои соҳавӣ дар телевизион, моҳият ва хусусияти онҳо, тавофут ва инкишофи ин жанрҳо дар барномаҳои соҳавӣ аз мақсадҳои дигари кори диссертатсионӣ ба ҳисоб рафта, барои ноил шудан ба он диссертант дар назди худ **вазифаҳои** зеринро мушаххас кардааст:

а) муайян намудани барномаҳои соҳавии тиббӣ дар телевизион;

б) таҳлилу омӯзиши хусусиятҳои хоси барномаҳои соҳавии тиббии телевизионӣ;

в) пажуҳиши умумият ва фарқияти барномаҳои соҳавии тиббии телевизионӣ аз барномаҳои дигар;

г) таҳқиқи таъсири пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ва ташаккули барномаҳои соҳавии тиббӣ;

ғ) пажуҳиши пайдоиши барномаҳои соҳавӣ дар Телевизиони «Тоҷикистон» то соҳибистиқлолӣ;

д) таҳқиқи хусусиятҳои хоси барномаҳои соҳавии ба мавзуи тиббӣ бахшидашудаи телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки нахустин маротиба ба таври ҳаматарафа инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар телевизиони ватанӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта, мавқеи он дар журналистикаи телевизиони ватанӣ муайян карда шудааст. Дар ин замина, аҳаммияти барномаҳои соҳавии тиббӣ дар низоми барномасозии соҳавӣ дар фаъолияти рӯзноманигории ватанӣ пажуҳиш гардида, роҳҳои беҳтар намудани таҳияи барномаҳои соҳавӣ ва истифодаи он дар телевизион ба миён гузошта шудаст.

Асосҳои назариявӣ ва методологии дисертатсяро таълифоти илмӣ - назариявии донишмандони ватаниву хориҷӣ аз ҷумлаи Нуралиев А., Саъдуллоев А., Усмонов И. К., Имомзода М. С., Азимов А. Х., Муродов М. Б., Муқимов М. А., Абдуллозода М. А., Саъдуллоев Ҷ. М., Солеҳов Н. Н., Муллоев Ш. Б., Муъминҷонов З., Бобоҷонониён Р. М., Мухторӣ Қ., Бозорзода Н., Ҷӯраева М. Р., Қутбиддинов А. Ҳ., Ҳамидиён И. И., Муратов С. А., Вартанова, Е.Л., Лазутина, Г.В., Кажберова В.В., Князева М.Л. ва дигарон ташкил медиҳанд.

Диссертатсия дар асоси методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ ва омӯзишӣ таҳия шудааст. Инчунин, ба воситаи муқоиса мавқеъ, умумият ва фарқияти барномаҳои соҳавӣ дар жанрҳои гуногуни журналистикаи телевизион дар инъикоси мавзуъҳои тиббии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе HD» муайян карда шуда, усули таърихии пажуҳиш, равишҳои таҳлили оморӣ ва компонентӣ истифода шудаанд.

Арзиши назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар таҳияи инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизионӣ, масъалаҳои интихоби мавзуъ, омода намудани матни журналистӣ, ҳамкории наворбардор бо рӯзноманигор, истифодаи унсурҳои жанрсоз дар ҷолибияти маводди телевизионӣ, танзими навор бо истифодаи барномаҳои муосири компютерӣ ва дигар масъалаҳо нишон дода шудааст.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ нишон дода шудааст, комилан **мувофиқат мекунад.**

Муаллифи диссертатсия ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои асосии пажуҳиш** аз таҷрибаҳои рисоланависони дигар, ки ба таҳқиқи матолиби барномаҳои соҳавӣ пардохтаанд, истифода бурда, ҳамчунин матолиби дар воситаҳои ахбори омма дар ин мавзуъҳо нашршударо ба ҳайси сарчашма ба кор бурдааст. Аз барномаҳои соҳавии расонаҳои хориҷӣ низ, ки бо мавзуи диссертатсия алоқамандӣ доранд ва онҳо аз ҷониби муҳаққиқон зикр шудаанд, ба ҳайси сарчашмаҳои пажуҳиш истифода шудааст.

Маводди кори диссертатсиониро барои таълими барномаҳои соҳавӣ дар инъикоси масъалаҳои тиббӣ дар телевизион дар мактабҳои олӣ, низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи телевизион, ташкили курсу семинарҳо дар факултаю шуъбаҳои рӯзноманигорӣ ва таҳияи китобҳои дарсӣ истифода бурдан мумкин аст. Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ навишта шуда, унвончӯ манбаву сарчашмаҳоро, ки ба мавзуи мавриди таҳқиқ алоқамандӣ доранд, омӯхта, назари донишмандон ва муҳаққиқони соҳаро таҳлил намуда, ба хулосаҳои асоснок расидааст. Аз таҳлилу баррасӣ, мазмуну муҳтаво ва масъалагузориҳои рисолаи диссертатсионӣ маълум мешавад, ки диссертант ба ҳадафи пажуҳиш ноил шудааст. Диссертант нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқро дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ ироа намудааст.

Муҳтавои асосии кори диссертатсионии Наврӯзшоҳи Холназари Раҷаб дар **6 мақола**, аз ҷумла **3 мақола** дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Мақолаҳои банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд. Рӯйхати мақолаҳои нашрнамудаи диссертант чунин аст:

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Раҷаб, Н. Х. Маҷаллаи «Тандурустӣ» нахустбарномаи Телевизиони тоҷик дар соҳаи тиб [Матн] / Н. Х. Раҷаб // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2024. – № 4-1(37). – С. 252-258.

[2-М]. Раҷаб, Н. Х. Бунёд ва ташаккули телевизионҳои соҳавӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н. Х. Раҷаб // Паёми Донишгоҳи омузгорӣ. – Душанбе, 2025. – №1 (144). – С.180-185.

[3-М]. Муъминҷонов, З., Раҷаб, Н. Х. Таъсиси телевизион дар Тоҷикистон ва пайдоиши барномаҳои соҳавӣ то соҳибистиқлолӣ [Матн] / З. Муъминҷонов, Н. Х. Раҷаб // Паёми Китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2025. – №2 (10). – С. 63-72.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[4-М]. Раҷаб, Н. Х. Махсусиятҳои барномаҳои соҳавии тандурустӣ дар телевизион [Матн] / Н. Х. Раҷаб // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳуқуқии журналистони соҳавии телевизион» (ш. Душанбе, 18 октябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 133-138.

[5-М]. Раҷаб, Н. Х. Таҳия ва таҳаввули барномаҳои соҳавии тандурустӣ дар телевизион [Матн] / Н. Х. Раҷаб // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди фарҳангу тамаддунҳо» (ш. Бохтар, 11-12 апрели соли 2025). – Бохтар, 2025. – С. 536-540.

[6-М]. Раҷаб, Н. Х. Жанрҳои таҳлилӣ таҳлилгари мавзуъҳои тиббӣ [Матн] / Н. Х. Раҷаб // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Зеҳни сунъӣ дар телевизиони соҳавӣ» (ш. Душанбе, 2 октябри соли 2025). – Душанбе, 2025. – С. 219-224.

Натиҷаҳои таҳқиқро зимни пажуҳиши журналистикаи соҳавӣ ва ё махсусияти бахшу барномаҳои соҳавӣ дар ВАО-и кишвар, қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди методҳои эҷодӣ дар матолиби расонаҳои электронӣ, ва вижагии фаъолияти онҳо ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст.**

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводди фаровони илмию амалӣ роҷеъ ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион мушаххас шудаанд.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Наврӯзшоҳи Холназари Рачаб дар мавзуи «Инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион (дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе»)» кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Наврӯзшоҳи Холназари Рачаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии мутобиқ ба ихтисоси илмӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радиои Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» қабул гардид.

Иштирок дошт: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 11 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, суратҷаласаи № 3, аз 15.10.2025.

РАИСИ ҶАЛАСА:
мудири кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Галимова М.

Котиби илмии ҷаласа:
муаллими калони кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонӣ, доктори
фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисос Мулоева Н.

Имзои Галимова М. ва Мулоева Н. -ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳои
МДТ-и «ДДФСТ ба номи М. Турсунзода» Нуридинзода Ф.

РАЁСАТИ КАДРҲО
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

Суроға:
734032 шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 73 а
Сомонаи расмӣ: http: ddst.tj
Тамос: (+992 37) 231 45 45